“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода доктори илмҳои педагогӣ, профессор
__________________ Раҷабзода М.
«___28___»___08___________соли 2019

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Ҳамробоев Насимҷон Абдуллоҷонович дар мавзӯи «Марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули ҳаракати тарҷума дар асрҳои VIII-XIV (аз паҳлавӣ ба арабӣ ва аз арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 10.02.14 - Филологияи классикӣ (филологияи арабӣ ва юнонӣ) (Хуҷанд, 2019 - 353 с.)**

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи равобити адабӣ аз ҷумлаи масоили умда ва муайянкунандаи адабиётшиносии муосир ба ҳисоб рафта, танҳо дар сурати амалӣ гаштани он манзараи саҳеҳи пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули адабиёти бадеиро тасаввур кардан имконпазир хоҳад шуд. Зеро таҳқиқи равобити адабӣ байни халқҳои гуногуни олам, ки тарҷума яке аз васоили муҳимми ба ҳам наздикшавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳои мухталифи ҷаҳон аст, саҳифаҳои тозаи адабиёти умумиҷаҳониро боз карда, дар боби синтези адабии кишварҳои ғарбиву шарқӣ хулосаҳои ҷолиби илмӣ ба миён хоҳад овард.

Воқеан, рисолаи Ҳамробоев Насимҷон бо тозагии мавзӯи таҳқиқ дар адабиётшиносии имрӯза арзиши муҳимме дошта, аҳамият ва зарурати омӯзиши мавзӯи рисолаи мавриди назар таъкид гардидааст. Муаллиф бори нахуст ба таври монографӣ таърихи ташаккул ва таҳаввули марҳалаҳои ҳаракати тарҷумаро дар асрҳои миёна таҳқиқ намуда, онро дар ду давра мавриди баррасӣ қарор додааст: 1. Тарҷумаи осори паҳлавӣ ба арабӣ дар асрҳои VIII-IX; 2. Тарҷумаи осори арабӣ ба форсии дарӣ дар қарнҳои X-XIV, ки масъалаҳои марбут ба ин давра ниёзи афзун ба таҳқиқ

доранд. Метавон гуфт, ки Ҳамробоев Насимҷон бо рисолаи пешниҳодкардаи худ ин фазои илмиро пур кард, зеро то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик мавзӯи мазкур ба ин густурдагӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтаву арзиши илмии он муайян карда нашуда буд. Муҳаққиқ бо назари тозаи илмӣ ва корбурди усулу воситаҳои муосир ва маърифати асноди адабию таърихӣ густариши мактаби тарҷумаро дар қарнҳои VIII-XIV бо савияи баланди илмию таҳқиқӣ баррасӣ карда тавонистааст.

Рисола дар асоси принсипҳо ва усулҳои омӯзиши таърихӣ-муқоисавии асарҳои аз паҳлавӣ ба арабӣ ва аз арабӣ ба форсии дарӣ дар марҳалаҳои мавриди таҳқиқ тарҷумашуда таълиф гардида, зимни таҳқиқ ва таъйини арзишҳои назарӣ ва амалӣ аз усулҳои тасвирӣ, таҳлилӣ, нусхашиносӣ, матншиносӣ, оморӣ ва муқоисаи тарҷума бо матни асл истифода шудааст.

Сарчашмаҳои таҳқиқи рисоларо осори зиёди тарҷумашуда ба забонҳои тоҷикӣ-форсӣ ва арабӣ ташкил медиҳанд, ки феҳристи онҳо 112 номгӯйро ташкил медиҳад.

Навгонии рисола дар он аст, ки муаллиф бори нахуст дар шарқшиносӣ ва адабиётшиносӣ ҳаракати тарҷумаро дар Эрони қабл аз ислом чун заминаи наҳзати тарҷумаи аҳди Аббосиён баррасӣ намуда, нақши иртибот ва пайванди онҳоро дар ташаккул ва таҳаввули адабиёти форсии дарӣ дар аҳди Сомониёну Ғазнавиён муайян намудааст.

Сохтори рисола аз муқаддима, чор боб, фаслҳову зерфаслҳои ҷудогона, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, тарҳрезии он дуруст ба роҳ монда шудааст. Матни рисола ба ғайр аз феҳристи адабиёт 323 саҳифаро фарогир аст. Чор боби рисола дар навбати худ 34 фаслу зерфаслро фаро мегиранд. Дастабандии масъалаҳои асосии рисола дар сурати бобу фаслҳо бо меъёри замонбандӣ ҷараён гирифта, бобу фаслҳо натиҷагирӣ шудаанд.

Ба зерфаслҳо тақсим шудани фаслҳо ва тақсимбандии бобҳои рисола далолат ба он мекунад, ки муаллиф ба паҳлӯҳои мухталифи масъалаи мавриди таҳқиқ дахл намуда, муаллиф зимни таълифи он аз маводи фаровон истифода бурдааст.

Дар муқаддимаи рисола муаллиф бо риояи шеваҳои хоси нигориши рисолаҳои илмӣ муваффақ шудааст, ки ҳадафу мақсадҳои аслии таълифи рисола, усули пажӯҳиш, зарурати таҳқиқот ва нуктаҳои асосиеро, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мушаххас ва муқаррар намояд.

Боби аввали рисола «Тарҷума ва ташаккули он дар ҳавзаи фарҳангу тамаддуни халқҳои эронӣ» унвон гирифта, аз чор фаслу се зерфасл иборат аст. Муаллиф дар ҳудуди 45 саҳифа нахуст дар мавриди мафҳум, ҳадаф, вазифаҳо ва анвои тарҷума сухан ронда, мулоҳизоти хешро бар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва пажӯҳишоти анҷомёфта, роҷеъ ба назарияҳо ва равишҳои тарҷумаи осор дар ду марҳилаи ҳаракати тарҷума баён мекунад. Дар фасли чаҳорум, ки дар навбати худ ба 3 зерфасл тақсим мешавад, муҳаққиқ равишҳо ва навъҳои тарҷумаи классикӣ, ё худ равишҳои маъмули аҳди исломиро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Миёни ин боби рисола ва бобҳои дигари он пайванди қавие барқарор карда шудааст, ки аз таҳлили амиқи матлабҳо ва ҷараёни дурусти масъалагузорӣ дар рисола дарак медиҳад.

Бобҳои дуюм ва сеюми рисоларо, ки «Марҳалаи нахустини ҳаракати тарҷума дар аҳди исломӣ» ва «Марҳалаи дуюми таҳаввули ҳаракати тарҷума дар асрҳои X-XIV» номгузорӣ шуаанд, метавон қисмати асосии таҳқиқоти муаллиф шуморид.

Дар боби дуюм муаллиф саъй намудааст, ки заминаҳои таҳаввули ҳаракати тарҷумаро дар асрҳои VIII-IX, яъне дар ду қарни нахусти аҳди исломӣ ба таври муъҷаз ва мисолҳои мушаххас нишон диҳад. Дар ин қисмати кор вазъи ҳаракати тарҷума дар аҳди Умавиён ва Аббосиён амиқан тахлил шудааст. Муаллиф дастгириву хайрхоҳии халифаҳои Умавию Аббосӣ ва нақши мутарҷимони эрониро дар ташаккул ва

густариши ҳаракати тарҷума таъкид мекунад. Баррасии ин масъаларо дар боби дуюми рисола идома дода, муҳаққиқ заминаҳои густариши ҳаракати тарҷумаро бо далелҳои мушаххас ва муътамад ба қалам додааст. Дар воқеъ, сиёсати пешгирифтаи амирони Сомонӣ, таваҷҷуҳи зиёди онҳо ба забону адабиёти форсӣ, ғамхории беназири онҳо нисбат ба адибону донишмандон аз омилҳои асосии таҳаввули ҳаракати тарҷума гардидааст. Муаллиф дар ҳамин боб ба вазъи тарҷума дар аҳди Ғазнавиён, Салҷуқиён ва Элхониён таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мулоҳизаву мушоҳидаҳои ҷолиб баён намудааст. Бо ҳадафи ҳарчи пурратар нишон додани вазъи тарҷума дар ин марҳала, ки ба таҳаввули жанриву мундариҷавии адабиёти давр мусоидат кардааст, муаллиф роҷеъ ба маъруфтарин мутарҷимони ин замон маълумот дода, мулоҳизаҳои ӯ бо далелҳои фаровон асос ёфтаанд. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки тафовути ин марҳалаҳоро муайян намуда, марҳалаи аввалро марҳалаи тарҷума ва марҳалаи дувумро марҳалаи бозгашт ва марҳалаи тарҷумаву таълиф унвон намояд.

Дар боби чаҳоруми рисола низ як қатор мулоҳизаҳои тозаи муаллифро дидан мумкин аст. Ӯ дар ин боб анвои осори тарҷумашударо дар 18 фаслу зерфасл таҳлилу баррасӣ намудааст. Соҳибрисола осори адабиву ахлоқӣ, ҳамосиву қаҳрамонӣ, осори манзум, таърихӣ, илмӣ, мазҳабию ирфонӣ, луғатномаҳо ва фарҳангҳои дузабонаро бо хусусиятҳои хоси онҳо қаламдод намудааст. Инчунин анвои осори тарҷумашударо мавриди баррасӣ қарор дода, кӯшидааст, ки дар таҳлили осори тарҷумашуда навовариҳои мутарҷимонро пайдо намуда, бо далелҳо нишон диҳад, муҳимтарин хусусияти тарҷумаро дар мисоли осори тарҷумашуда муайян кунад, ки аз кӯшишҳои муаллифи рисола дар муайян кардани равишҳо ва шеваҳои тарҷумаи классикӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Лозим ба зикр аст, ки боби чаҳорум яке аз бобҳои умдаи ҷолиби таваҷҷуҳ ба шумор меравад. Ин боб бештар ҳамчун такмил ва тавзеҳи комилтари бобҳои дуюм ва сеюми рисола мебошад. Дар он муаллиф

матолиби бобҳои гузаштаро навъе амиқтар бурда, ки ҳадафи умумии соҳиби рисоларо комилан иҷрошуда пеши назар меоварад.

Хулосаи рисола натиҷагирии баррасии масоили меҳварии рисола ба ҳисоб рафта, фарогири нуктаҳои амиқ мебошад, зеро он мушаххас буда, ҳар як банду фасл ва боби таҳқиқот дар он дақиқан натиҷагирӣ шудааст.

Ҳамин тавр, рисолаи Ҳамробоев Насимҷон бар мабнои омӯзиши амиқи сарчашмаҳои фаровони адабии дасти аввал ва муътамад, манбаъҳои таърихӣ, адабиёти илмии зиёде ба забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, русӣ, англисӣ, ба хатти форсӣ (дар маҷмӯъ 389 адад) таълиф гардида, таҳлилу баррасии амиқ ва мушоҳидаву мулоҳизаҳои тозаи илмии муҳаққиқро дар бар мегирад.

Масоили марбут ба ҳаракати тарҷума дар диссертатсияи Ҳамробоев Насимҷон бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ба ҳайси проблемаи васеъмиқёси илмӣ ба таври мушаххас ва муназзам ва бо фарогирии ҷанбаҳо ва абъоди гуногуни масоили марбута мавриди таҳқиқи густарда ва ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

Бояд гуфт, ки дар маҷмӯъ рисолаи Ҳамробоев Насимҷон таҳқиқоти ба анҷом расидаи илмӣ буда, муаллифи он дорои донишу огоҳии кофӣ аз таърихи забону адабиёти форсу тоҷик ва араб мебошад. Аз лиҳози сохтору муҳтавои худ низ рисола комил маҳсуб меёбад. Яке аз арзишҳои муҳими рисола дар ин аст, ки натиҷаҳои таҳқиқи он ба омӯзиши минбаъдаи таърихи тарҷума чун ҷузъи ҷудонашавандаи адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик ва марҳалаҳои асосии ташаккул ва таҳаввули он дар иртибот бо адабиёти араб ва фарҳангу адаби халқҳои дигар мусоидат карда метавонад.

Бо вуҷуди дастовардҳои илмии муаллифи рисола дар таҳқиқоти ӯ баъзе иштибоҳоту лағзишҳое роҳ ёфтаанд, ки ба назари эътибор гирифтани онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сифат ва муҳтавои он хоҳад буд.

1. Хулосаи боби аввал бисёр мухтасар аст. Ҳарчанд дар ин боби рисола муҳаққиқ дар бораи нишонаҳои ҳаракати тарҷума дар аҳди бостон, махсусан давраи Сосониён, ҳамчун заминаҳои аслии ташаккули ҳаракати тарҷума дар аҳди исломӣ сухан меронад, аммо натиҷаи масоили баррасишуда, ба таври мушаххас хулоса нагардидаанд.

2. Дар баъзе бобҳои рисола (масалан боби якум ва дуюм) иқтибосот аз меъёр зиёд ба мушоҳида мерасад.

3. Дар боби чаҳоруми рисола, ки аз се зерфасл иборат аст, беҳтар мебуд, агар матолиби фасли сеюм ба фаслҳои якум ва дуюм ҳамроҳ карда мешуд.

4. Дар рисола ҳангоми таълифи номҳои осор, муаллифон, маҳалҳо ягонагии нигориш бояд риоя карда мешуд. Масалан: Сиистон –Систон (с. 116); Гундишопур - Ҷундишопур, марҳала - марҳила, Ибни Қуззоа – Ибни Қуззоӣ ва ғайра.

5. Дар баъзе ҷойҳои рисола ғалатҳои услубӣ (саҳ. 59, 65, 67) низ ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо муҷиби беҳтар гардидани шеваи нигориши илмии муаллиф хоҳад гардид.

6. Ғалатҳои имлоӣ, ба монанди бе фарқ гузоштани тире ва дефис, бидуни зарурат бо шрифти ғафс ишора шудани матлабҳо дар ҷойҳои нозарур ба назар мерасанд, ки минбаъд ба назар гирифтани онҳо ба манфиати кор аст.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва амалии рисолаи илмии Насимҷон Ҳамробоевро коста гардонида наметавонад. Муаллифи рисола вазифаву ҳадафҳои илмии дар назди худ гузоштаашро комилан ҳал намудааст ва рисолаи ӯ таҳқиқоти муҳим андар шинохти таърихи тарҷума дар адабиёти асримиёнагии араб ва форсу тоҷик ҳисоб меёбад.

Фишурдаи рисола ва ду монографияву 32 мақолаи муаллиф, ки аз онҳо 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, муҳтавои асосии таҳқиқоти ӯро инъикос менамоянд.

Бо назардошти мулоҳизаҳои номбурда метавон гуфт, ки рисолаи таҳқиқотии Ҳамробоев Насимҷон дар мавзӯи «Марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули ҳаракати тарҷума дар асрҳои VIII-XIV (аз паҳлавӣ ба арабӣ ва аз арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рисолаҳои докторӣ пешниҳод мешавад, комилан ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 10.02.14 - Филологияи классикӣ (филологияи арабӣ ва юнонӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи филологияи Шарқи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 27 августи соли 2019, қарори №1 баррасӣ гардидааст.

Иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-21 нафар, зид-0, бетараф-0.

Раиси ҷаласа: Турсунов Ғолиб Абдусобирович, мудири кафедраи филологияи Шарқ, номзади илмҳои филологӣ

Котиби ҷаласа: Сайфуллоев Муслиҳиддин

Ташхисгар: Давлатбеков Лоло Мирзоевич, доктори илмҳои филологӣ

"Имзоҳои Турсунов Ғолиб, Сайфуллоев Муслиҳиддин ва Давлатбеков Лолоро тасдиқ мекунам"

Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Ш.М.

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.
Тел.: 232 50 00; 232 87 30; 2325005;
E-mail: fil-sharq@mail.ru
Сомона: ddzt.tj